**Тақриз**

**ба автореферати Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV» барои дарёфти дарачаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 04.- Таърихи адабиёт, равобити адабӣ.**

Баррасӣ ва таҳқиқи ҷанбаҳои ҳунарии шеъри форсӣ-тоҷикӣ аз масъалаҳои муҳим ва мушкили адабиётшиносии муосир ба шумор рафта, аз муҳаққиқ маҳорати баланди таҳқиқиро тақозо менамояд.

Диссертант дар муқаддимаи таҳқиқоти худ аҳаммияти мавзуи таҳқиқро равшан намуда, дар қисмати дарачаи таҳқиқ, ки муфассал баён шудааст, ба ин натиҷа мерасад, ки мавзуи "Тасвири "боди сабо" дар ғазали асри XIV" як мавзуи актуалӣ ва омӯхтанашуда буда, таҳқиқи ҳаматарафаи он имкон фароҳам меоварад, ки адабиёти ин давра ба дурустӣ шинохта шавад ва завқу салиқаи зебоишинохтию ҷаҳонбинӣ ва ҳунари шоирии суханварони ин даврон таъин гардад. Гузориши масъалаҳои ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, асоси методологӣ ва назариявии таҳқиқот, навии илмии таҳқиқот, аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, сарчашмаҳо ва маводи таҳқиқот ва масоили асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ аз ҷониби муҳаққиқ огоҳона сурат гирифтаанд.

Дар боби аввали рисола, ки аз ду фасл иборат аст, масъалаҳои сайри таърихии тасвири "боди сабо" дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ, "шарҳу тавзеҳ ва таърифи "боди сабо" дар фарҳангу луғатҳо ва асарҳои тадқиқотӣ" ва "боди сабо – воситаи маърифат ва тасвири бадеӣ" таҳлил ва таҷзия гардидааст.

Муҳаққиқ дар ин қисмат сайри таърихии тасвири сабоše аз ибтидои шеъри форсӣ-тоҷикӣ ба риштаи таҳқиқ кашида, ба сифати падидаи нодири муъҷизакор ба кор рафтани ин тасвирро дар шеъри устод Рӯдакӣ ва ҳамасрони ӯ таъйид месозад. Афзун бар ин, таъкид

менамояд, ки аз нимаи дувуми асри XI ба баъд бо таъсири тасаввуф аксари калимоту таъбироти адабӣ дар ашъори шоирони ориф маънои рамзии ирфонӣ ба худ гирифта бошанд ҳам, тасвири боди сабо дар шеъри шоирони асрҳои XI-XIII ба ҳамон маънову мушаххасоте вомехӯрад, ки дар ашъори шоирони асри X ба кор рафтааст.

Боби дуюм баргирифта аз унвони рисола- **“Тасвири “боди сабо” дар ғазали асри XIV** буда, аз ду фаслу чаҳор зерфасл иборат мебошад, ки диссертант ду тарзи тасвири саборо дар шеъри ин аҳд ба мушоҳида гирифтааст. Дар фаслу зерфаслҳои боби дуюми фишурда муҳаққиқ масъалаҳои “Сабо- мабдаи тасвир”, сабо ба сифати унсури табиат, “Мушаххасоти боди сабо”, “Сабо- воситаи тасвир”, “Сабои орифона”, ва “Нақш ва вазифаҳои сабои орифона”-ро баррасӣ намуда ба ин натиҷа мерасад, ки мафҳуми *боди сабо* дар давраи мавриди таҳқиқ чун воситаи тасвир барои баёни андешаҳо, махсусан андешаҳои ирфонӣ корбаст шудааст.

Дар боби ниҳоӣ муаллиф хусусиятҳои бадеии “боди сабо”-ро дар тасвирҳои шоиронаи ғазали асри XIV матраҳ сохта, нахуст доир ба истифодаи санъатҳои лафзӣ дар тасвирҳои шоирона ва баъдан корбурди санъатҳои маънавиро ҳангоми тасвири *боди сабо* таҳқиқ менамояд. Аз ҷумла ба мушоҳида мегирад, ки шоирони ин аҳд аз санъати талмеҳ барои баёни андешаҳои ирфонӣ истифода намудаанд.

Диссертант хулосаи аз таҳқиқ ва баррасии мавзуъ ба даст овардаи худро дар 18 банд натиҷагирӣ менамояд, ки бандҳои се ва шаши он аз зербандҳо таркиб ёфтаанд. Хулосабандии худро диссертант аз рӯи тартиби муайяни бобу фаслҳои рисола баён намудааст, ки мувофиқи мақсад мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо баъзе нуқсонҳо дар фишурдаи рисола ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Ба андешаи мо хулосаи боби якум ва сеюми таҳқиқот ба бознигарӣ ниёз дорад.

2. Дар матни диссертатсия баъзе хатоҳои имлоӣ ва аломатҳои китобат ба назар мерасад, ки ислоҳи онҳо ҳусни корро меафзояд.

Камбудиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта ба ҳеҷ ваҷҳ ҳусни фишурдаи рисоларо коста намегардонад.

Автореферати диссертатсия ва миқдори мақолоти интишорнамудаи муаллиф, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ба табъ расидаанд, асоси мундариҷаи диссертатсияро инъикос мекунанд.

Аз муҳтавои фишурда бармеояд, ки рисолаи **Забирова Меҳринисо Элбеговна дар мавзуи «Тасвири «боди сабо» дар ғазали асри XIV»** тадқиқоти пурра анҷомёфтаи илмӣ буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология, аз рӯи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мебошад.

**Муқарриз: номзади илмҳои филологӣ,**
**дотсенти кафедраи назария ва таърихи**
**адабиёти ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода** **Боев Ш. Э.**

**Имзои Боев Ш.Э -ро тасдиқ мекунам:**
**сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДБЗХТ ба номи С.Улуғзода** **Юсупова Б.Ғ.**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Нишонӣ: 734019 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,**
**кӯчаи Муҳаммадиев 17/6.Тел: (+992 935445450)**
**E-mail:mustafo0612@mail.ru**

06.04.2023